# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

пешкаш мекунад

# Оғози ғами одамизод




Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus

Тарҷумон: Christian Lingua

Адаптатсиякунанда: M. Maillot; Tammy S.



Ҳикояи 2 аз 60

**www.M1914.org**



Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.


Тоҷикӣ

Tajik







Ҳаво гапи Худоро гӯш накарда, ба Одам низ меваро хӯрононд. Одам бояд мегуфт, ки “не, ман аз гапи Худо намебароям”.
3
Вақте ки Одаму Ҳавво гуноҳ карданд, бараҳна буданашонро фаҳмиданд. Онҳо аз баргҳои анҷир барои худ пӯшидание дӯхта, худро пӯшонданд ва аз ҳузури Худо дар байни дараххо пинҳон шуданд.
4
Дар салқинии рӯз Худо ба боғ омад. Ӯ аз кори кардаи Одаму Ҳавво бохабар буд. Одам Ҳавворо айбдор кард. Ҳавво морро айбдор кард. Худо гуфт: “Лаънат ба ту, мор. Зан, ту бо дард фарзанд мезоӣ”. “Эй Одам, азбаски гуноҳ кардӣ, замин тахти лаънат монд ва акнун хору хас мерӯёнад ва ту арақи ҷабин рехта ризқу рӯзиатро ёфта мехӯрӣ”.
5
Худо Одаму Ҳавворо аз он боғи беҳтарин берун кард. Азбаски онҳо гуноҳ карданд, аз Худои ҳаётдиҳанда ҷудо шуданд!
6
Худо шамшерҳои оташинро гузошт, то ки онҳо дигар ба он боғ барнагарданд. Баъд барои Одаму Ҳавво либоси пӯстин сохта, онҳоро пӯшонид. Худо пӯстро аз куҷо гирифт?
7
Бо гузашти вақт Одаму Ҳавво фарзанддор шуданд. Писари аввалини онҳо Қоин боғбон буд. Писари дуюмашон Ҳобил чӯпон буд. Рӯзе Қоин ба Худо сабзавот барои қурбонӣ ҳадя овард. Ҳобил бошад яке аз беҳтарин гӯсфандони худро ба Худо қурбонӣ кард. Ба Худо қурбонии Ҳобил писанд омад.
8


Қурбонии Қоин бошад, ба Худо писанд наомад. Қоин сахт ба ғазаб омад. Аммо Худо гуфт: “Агар кори дуруст мекардӣ, оё қурбониатро қабул намекардам?”
9


Қоин аз ғазабаш нафаромад. Баъд аз андак вақт вай дар саҳро ба Ҳобил ҳамла карда, ӯро кушт!
10


Худо ба Қоин гуфт: - “Бародарат Ҳобил куҷост?” “Намедонам”- дурӯғ гуфт Қоин, - “Оё ман посбони бародарам ҳастам?” Худо Қоинро ҷазо дода, қобилияти киштукор карданро аз ӯ гирифт ва ӯро оворагард сохт.
11


Қоин аз Худованд дур шуд. Вай духтари Одаму Ҳавворо ба занӣ гирифт ва онҳо фарзанддор шуданд. Ба зудӣ шаҳре, ки Қоин асосгузораш буд, пур аз наберáю насли Қоин шуд.
12


Бо баробари он, оилаи Одаму Ҳавво низ зуд зиёд мешуд. Умри инсон дар он замон аз имрӯза дида дарозтар буд.
13


Вақте ки Ҳаво Шет писарашро ба дунё овард, гуфт: “Худо дар ивази Ҳобил ба ман Шетро дод”. Шет марди худотарс буд, ки 912 сол умр дида, соҳиби фарзандони бисёр шуда буд.
14










Оғози ғами одамизод

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Ҳастӣ 3-6 ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.”  Забур 119:130

Худо медонад, ки мо корҳои бад мекунем ва ин корҳои бади моро гуноҳ меномад.  Ҷазои гуноҳ  марг аст.

Худо моро сахт дӯст медорад.  Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои моро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад.  Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт!  Акнун Худо гуноҳҳои моро бахшида метавонад.

Агар ту аз гуноҳҳои худ даст кашидан хоҳӣ, ба Худо ин тавр гӯй: Эй Худои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Исо аз барои гуноҳҳои ман мурд ва баъд зинда шуда, ҳоло зинда аст.  Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва ман то абад бо Ту зиндагӣ кунам.  Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзандат зиндагӣ кунам.  Омин.   Юҳанно 3:16

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!